аз 11.02.2022, №7-ф

Дар бораи Тартиби ба ташкилоти қарзии молиявӣ дар шакли электронӣ ирсол намудани қарори мақомоти андоз дар бораи боздоштан ё бекор кардани боздоштани амалиётҳои хароҷотӣ бо суратҳисобҳои бонкии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ (агентҳои андоз)

070.030.010.

Мутобиқи қисми 5 моддаи 141 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон,

ФАРМОИШ МЕДИҲАМ:

1. Тартиби ба ташкилоти қарзии молиявӣ дар шакли электронӣ ирсол намудани қарори мақомоти андоз дар бораи боздоштан ё бекор кардани боздоштани амалиётҳои хароҷотӣ бо суратҳисобҳои бонкии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ (агентҳои андоз), тасдиқ карда шавад (замима мегардад).

2. Фармоиши мазкур бо Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Бонки миллии Тоҷикистон мувофиқа карда шуда, ба Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои бақайдгирии давлатӣ пешниҳод карда шавад.

3. Фармоиши мазкур пас аз бақайдгирии давлатӣ ва интишори расмӣ мавриди амал қарор дода шавад.

4. Раёсати молиявию хоҷагидорӣ барои дар рӯзномаҳои «Ҷумҳурият» ва «Боҷу хироҷ» нашр намудани фармоиши мазкур чораҷӯӣ намоянд.

5. Назорати иҷрои фармоиши мазкур ба зиммаи муовини якуми раиси Кумитаи андоз вогузор карда шавад.

Раис Нусратулло Давлатзода

Тартиби
ба ташкилоти қарзии молиявӣ дар шакли электронӣ ирсол намудани қарори мақомоти андоз дар бораи боздоштан ё бекор кардани боздоштани амалиётҳои хароҷотӣ бо суратҳисобҳои бонкии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ (агентҳои андоз)

1. Тартиби ба ташкилоти қарзии молиявӣ дар шакли электронӣ ирсол намудани қарори мақомоти андоз дар бораи боздоштан ё бекор кардани боздоштани амалиётҳои хароҷотӣ бо суратҳисобҳои бонкии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ агентҳои андоз) (минбаъд - Тартиб) дар асоси қисми 5 моддаи 141 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд – Кодекси андоз) таҳия гардида, тартиби ба ташкилоти қарзии молиявӣ ирсол намудани қарори мақомоти андозро дар бораи боздоштан ё бекор кардани боздоштани амалиётҳои хароҷотӣ бо суратҳисобҳои бонкии андозсупорандагон дар шакли электронӣ ва (ё) хаттӣ пешбинӣ менамояд.

2. Мутобиқи муқаррароти моддаҳои 140 ва 141 Кодекси андоз қарори мақомоти андоз дар бораи боздоштан ё бекор кардани боздоштани амалиётҳои хароҷотӣ аз ҷониби мақомоти андоз ба ташкилоти қарзии молиявӣ ва ба ҳучраи шахсии андозсупоранда дар шакли электронӣ фиристода мешавад.

3. Ташкилотҳои қарзии молиявӣ уҳдадоранд қарори мақомоти андозро дар бораи боздоштан ё бекор кардани боздоштани амалиётҳои хароҷотӣ бо суратҳисобҳои бонкии андозсупоранда, ки дар шакли электронӣ ворид шудаанд, иҷро намоянд.

4. Мақомоти андоз аз лаҳзаи қабули қарор дар бораи боздоштани амалиётҳои хароҷотӣ қарори мазкурро ба ташкилоти қарзии молиявӣ дар шакли электронӣ ирсол менамояд. Ҳангоми бо сабабҳои техникӣ ғайриимкон будани ирсоли қарор дар шакли электронӣ, он дар шакли хаттӣ ирсол карда мешавад. Инчунин қарори мазкур аз ҷониби мақомоти андоз дар шакли электронӣ ба ҳуҷраи шахсии андозсупоранда ва (ё) бо тартиби муайяншуда дар шакли хаттӣ фиристода мешавад.

5. Назорати иҷрои муқаррароти Тартиби мазкур аз ҷониби мақомоти андоз ва ташкилотҳои қарзии молиявӣ амалӣ карда мешавад.

6. Мақомоти андоз ва ташкилотҳои қарзии молиявӣ барои риоя накардани муқаррароти Тартиб тибқи Кодекси андоз ва дигар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон масъул мебошанд.